БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

# ИҶОЗАТНОМА

**БАРОИ АНҶОМДИҲИИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКИИ ИСЛОМӢ**

**БА ҶАМЪИЯТИ САҲОМИИ КУШОДАИ "ТАВҲИДБОНК"**

санаи "17" сентябри соли 2019 дода шуд.

Раис — Ҷ. Нурмаҳмадзода

ДУШАНБЕ

БМТ № 0000104

# БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

# ИҶОЗАТНОМА

## АМАЛИЁТИ БОНКӢ ИСЛОМӢ

**Дорандаи иҷозатнома Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Тавҳидбонк" ҳуқуқ дорад амалиёти зерини бонкии исломиро бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ анҷом диҳад:**

1) ҷалб намудан ва гирифтани амонати исломӣ, пасандози исломӣ ё пешбурди суратҳисоби сармоягузории шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ;

2) кушодан ва хизматрасонии суратҳисоби муштарӣ (барои амонати исломӣ, пасандози исломӣ ё суратҳисоби сармоягузорӣ), суратҳисоби муросилотии бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ва инчунин суратҳисоби бонкҳо барои амалиёт бо металлу сангҳои қиматбаҳо;

3) амалиётҳои кассавӣ: қабул, аз нав ҳисоб кардан, иваз намудан, мубодила, бастан ва нигоҳ доштани пулҳои коғазӣ ва тангаҳо;

4) амалиётҳои интиқолӣ: иҷрои хизматрасониҳои интиқолӣ барои интиқоли маблағи шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ;

5) амалиётҳои баҳисобгирӣ: ба ҳисоб гирифтани векселҳо ва дигар коғазҳои қиматбаҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

6) маблағгузории тиҷорат: додани қарзи исломӣ дар шакли нақдӣ ё маблағгузории исломӣ (таъминшуда, таъминнашуда), аз ҷумла бидуни маҳдудияти:

- маблағгузории истеъмолӣ ҳамчун қарзи истеъмолӣ, ипотекӣ ва байнибонкӣ;
- факторинг;
- форфейтинг;

7) маблағгузории исломӣ барои сармоягузории асосӣ дар асоси фармоиши сармоягузор;

8) амалиёти ба боварӣ асосёфта: идоракунии маблағҳои пулӣ (коғазҳои қиматнок) ба манфиати молик ва дар асоси фармоиши он;

9) хизматрасонии фосилавии бонкӣ, клирингӣ, ҳисоббаробаркунӣ ва интиқолӣ марбут ба воситаҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок, супоришномаҳои пардохт ва воситаҳои дигари пардохт (аз ҷумла кортҳои пардохти бонкӣ, чекҳо, чекҳои сафарӣ ва векселҳо);

10) амалиётҳои сейфӣ: хизматрасониҳо оид ба бехатар нигоҳ доштан ва хизматрасониҳои амонатӣ ва идоракунии ҳисобот, ҳуҷҷат ва дороиҳои муштариён, аз ҷумла ба иҷора гирифтани куттиву хонаҳои сейфӣ, нигоҳдории дороиҳо (пул, коғазҳои қиматнок, металлҳо, маснуоти заргарӣ ва дигар дороиҳо);

11) гаравгузорӣ: додани қарзҳои кӯтоҳмуддат бар ивази гарави коғазҳои қиматноки мубодилашаванда ва моликияти манқуле, ки ҳамчун пасандоз истифода мешавад;

12) додани тратта;

13) ҷамъ кардан, қабул, пардохт ва тасдиқи ҳуҷҷатҳои пардохт, кушодан ва тасдиқ намудани эътиборномаҳои тиҷоратӣ;

14) додани кафолати бонкӣ, аз ҷумла кафолат ва эътиборномаҳо аз номи худ ва аз номи муштариён;

15) барориши воситаҳои пардохт, аз ҷумла кортҳои пардохти бонкӣ, чек, чекҳои сафарӣ, ӯҳдадориҳои қарзӣ ва дигар воситаҳои пардохт;

16) қабул намудани инкассатсия ва фиристодани пулҳои коғазӣ, тангаҳо ва ашёи қиматбаҳо;

17) аҳдҳо оид ба мубодилаи асъор;

18) хариду фурӯши воситаҳои зерин аз ҳисоби худ ё муштариён:

- воситаҳои бозорӣи пул, аз ҷумла чек, вексел, ӯҳдадориномаҳо ва тасдиқномаҳои пасандоз;

- асъори хориҷӣ;

- саҳмияҳо ва дигар коғазҳои қиматноки интиқолшаванда;

- қарордодҳои форвардӣ, созишномаи своп, фючерс, опсион ва дигар ҳосилаҳое, ки ба асъор, саҳмия, вомбарг, металлу сангҳои қиматбаҳо ё қурбу меъёрҳои маблағгузории исломӣ дахл доранд.

**Иҷозатнома дар санаи "17" сентябри соли 2019 ба Феҳристи иҷозатномаҳо дохил карда шуд.**

**Раис** **Ҷ. Нурмаҳмадзода**

Таърихи додани иҷозатнома "17" сентябри соли 2019

БМТ №0000104